**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Самиева Нисо Шарбатовнав дар мавзуи «Поэтикаи ашъори шоири мардумӣ Саид Холзода», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ**

Таҳқиқу баррасии ҷанбаҳои ҳунарии ашъори мардумӣ ё ба истилоҳи дигар адабиёти гуфтории тоҷик солҳои охир тамоюлҳои тозае касб намуда, дар ин ҷода аз сӯи муҳаққиқони варзидаи соҳа, Равшан Раҳмонӣ, Саидраҳмон Саидов, Саъдии Қосимӣ, Дилшод Раҳимӣ, Абдуфаттоҳ Аминов ва дигарон корҳои муайяне ба анҷом расидаанд. Дар баробари ин ки масъалаҳои куллии адабиёти гуфтории тоҷик ва тамоюлҳои мушаххаси он мавриди пажуҳиш қарор мегирад, баҳси таҳияву нашр ва таҳқиқи мероси шоирони мардумӣ низ дар шумори самтҳои муҳимми таҳқиқоти фолклоршиносӣ қарор гирифтааст. Диссертатсияи Самиева Нисо Шарбатовнав дар мавзуи «Поэтикаи ашъори шоири мардумӣ Саид Холзода» дар шумори ҳамин гуна тадқиқоте қарор гирифтааст, ки меҳварҳои аслии пажуҳишии онро мероси адабии як тан аз шоирони мардумӣ ба вуҷуд овардааст. Таҳия ва нашри “Куллиёти ашъор”-и шоири мардумӣ Саид Холзода аз сӯи фарзанди эшон профессор Саидраҳмон Саидов дар соли 2013 воқеан заминаҳои муҳиммеро барои анҷоми як таҳқиқи ҷудогона ҳам фароҳам овард, ки диссертатсияи мавриди тақриз аз ҷумла самараҳои матлуби он ба шумор меравад. Мусаллам аст, ки фароҳам овардани мероси шоирони мардумӣ кори сангину душворест, ки дақиқкориву ҳамсуҳбатӣ бо афроди солманд, ҷусторҳои доманадорро тақозо мекунад, чун бештари ашъори ин шоирон дар зеҳну хотири мардум боқӣ мондаанд ва камтар китобат шудаанд. Аз ин нигоҳ, профессор Саидраҳмон Саидов ба фароҳам овардани ин ашъор дар баробари анҷоми аввалин таҳқиқ дар муқаддимаи он роҳеро барои шинохти арзишҳои адабиву бадеии осори шоир боз намуданд, ки диссертант Самиева Нисо онро давом дода, бо такя бар ин мероси ҷамъоваришуда иқдом дар таҳқиқи ҷанбаҳои поэтикии сурудаҳои Саид Холзода намудааст.

Бахши муҳимми тадқиқотро баррасии зиндагиномаи шоири мардумӣ фароҳам овардааст. Муҳаққиқ барои барқарор намудани лаҳзаҳои мухталифи ҳаёти кор аз ду шеваи қобили таваҷҷуҳ истифода кардааст, ки самараҳои матлуб ба бор овардаанд. Аввал, бо наздикону пайвандони шоир, аз ҷумла фарзанди ӯ профессор Саидраҳмон Саидов суҳбатҳои судманд анҷом дода, ҳосили ин ҷусторҳояшро дар таҳқиқоти хеш истифода намудаст. Албатта, ин шеваи махсуси таҳқиқоти фолклорист, ки онро муаллиф босамар ба кор гирифтааст. Дар баробари ин, аз ашъори шоир, хоса достонҳои ӯ дар шинохти муҳимтарин нуктаҳои рӯзгораш истифода карда, ки дар баробари шиносо намудани лаҳзаҳои

ҷудогонаи ҳаёти шоир пайванди рӯзгори суханварро бо фолклор шарҳу тафсир кардаанд.

Дар ҷараёни таҳқиқи таркиби "Куллиёти ашъор"-и Саид Холзода низ муҳаққиқ баробари муқаррар намудани анвоъи шеърии мероси бозмонда аз ӯ боз ҳам пайванди эҷодиёташро бо фолклор таҳқиқ ва таъйин намуда, бо шеваи оморӣ миқдори куллии ҳар як навъ аз ашъорро дақиқ кардааст. Дар умум, муқаррар сохтааст, ки таркиби "Куллиёт"-и Саид Холзода аз "9 шеър-190 байт, 8 достон-4780 байт, 12 манзума-596 байт, номаҳо-109 байт, 23 суруд-331 байт, 5 маснавӣ-57 байт, 4 ғазал-30 байт, 64 рубоӣ-256 байт, 1 фард-1 байт ҷамъоварӣ шудааст, ки ҷамъулҷамъ 6350 байтро ташкил медиҳад" (саҳ. 11).

Дар баробари таъйини таркиби жанрии куллиёт диссертант вежагиҳо ва ҷойгоҳи ҳар яке аз онҳоро ба таври алоҳида таҳқиқ намудааст. Аз ҷумла, мавқеи жанри достон, ки дар эҷодиёти шоир ҷойгоҳи муайян дошта, 8 ададро ташкил мекунад, ба сурати ҷудогона ва ба таври муфассал таҳқиқ шудааст. Авзони ашъори шоир низ ба таври амиқ таҳқиқ шуда, муаллиф муқаррар кардааст, ки ҳарчанд ашъори адабиёти гуфторӣ бештар ба вазни ҳиҷоӣ суруда мешаванд, вале таҳқиқ дар авзони ашъори ин суханвар нишон дод, ки ӯ ба баҳрҳои ҳазаҷ, рамал, мутақориб, мутадорик ва амсоли ин таваҷҷуҳи зиёд дошта, аз онҳо хеле моҳирона ва ҳунармандона ба кор гирифтааст. Ҳатто омори дақиқи истифодаи авзони мазкурро низ таҳқиқ карда, ки онро аз ҷумлаи дастовардҳои муҳимми илмии диссертатсия метавон ба шумор овард.

Ҷойгоҳи қофия ва радиф, инчунин шеваҳои шоиронаи корбурди саноеи бадеӣ низ дар диссертасия мӯшикофона таҳқиқ шуда, ба ин васила ҷанбаҳои муҳимми поэтикии ашъори Саид Холзода баррасӣ гардидаанд. Вежагиҳои забонӣ ва услубии сурудаҳои шоир дар робита ба забони зиндаи мардумӣ таҳқиқ шуда, мушаххас гардидааст, ки шеъри Саид Холзода бо сабки содаву равон ба қалам омада, истифодаи вожагони душвор ва мушкил дар таркиби мероси бозмонда аз ӯ дида намешавад.

Муаллиф аз рӯйи тадқиқоти илмии хеш 7 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки 5 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфтаанд.

Дар умум, метавон изҳор дошт, ки диссертатсияи Самиева Нисо Шарбатовна ба фарогирии баррасии поэтикаи ашъори як тан шоирони мардумӣ таҳқиқоти тоза ба шумор рафта, вежагиҳои забонӣ ва ҳунарӣ, таркиби жанрии эҷодиёти Саид Холзода дар он таҳқиқ шудаанд.

Баробари чунин дастовардҳои назаррас дар автореферати диссертатсия камбудиҳое низ ба мушоҳида мерасанд, киислоҳи онҳо ба нафъи кори муаллиф аст:

1. Қисмати мубрамият ва муҳиммияти муқаддимаи диссертатсия нисбатан ба тафсил баён шудааст. Ба андешаи мо қисмате аз матолиби ин бахш (саҳ. 4-5) бояд ба бахши "Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ" интиқол дода шавад.

2. Дар автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои техникиву имлоӣ ба мушоҳида мерасад, ки бартараф намудани онҳо ба нафъи кори муаллиф аст.

Ба таври куллӣ метавон қайд намуд, ки эродҳои мазкур ҳеҷ гоҳ арзиши илмии диссертатсия кам намекунанд. Дар умум метавон гуфт, ки диссертатсияи **диссертатсияи Самиева Нисо Шарбатовнав дар мавзуи «Поэтикаи ашъори шоири мардумӣ Саид Холзода»,** ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси **10.01.09 – Фолклоршиносӣ** мебошад.

доктори илми филология,
профессор, директори институти илмӣ- тадқиқотии
илмҳои ҷомеашиносии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Нуров Н. Н.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, Хуррамшаҳр 38
Тел: 992 928763797 E-mail: nurali74@mail.ru

Имзои доктори илми филология,
профессор Нуралӣ Нуровро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус З.С. Ҳусейнова

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735700 ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Тел: (+992) 90040202 E-mail: n.ehson@mail.ru

3 майи соли 2024